آواز تاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

# Овози тоҷик

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

29 марти соли 2025
Шанбе
№ 26 (15141)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ПРЕЗИДЕНТҲОИ ӮЗБЕКИСТОН ВА ҚАЗОҚИСТОН ДАР ШАҲРИ АЛМААТО ВОХӮРИИ ҒАЙРИРАСМӢ МЕГУЗАРОНАНД

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев 29 март бо сафари корӣ барои мулоқоти ғайрирасмии сатҳи баланд ба шаҳри Алмаато меравад.**

Бо иштироки ҳайатҳои ду мамлакат масъалаҳои таҳкими пайвастаи муносибатҳои некҳамсоягӣ, шарикии стратегӣ ва иттифоқӣ байни Ӯзбекистону Қазоқистон, инчунин масъалаҳои мубрами молики аҳамияти байналмилалӣ ва минтақавиро баррасӣ хоҳанд кард.

Тавсеаи ҳамкориҳои амалӣ дар соҳаҳои тиҷорат, кооператсияи саноатӣ, нақлиёту логистика, энергетика, кишоварзӣ ва идоракунии об, инчунин идомаи робитаҳои фаъоли байниминтақавӣ ва табодули фарҳангиву гуманитарӣ дар маркази диққат қарор хоҳад гирифт.

Ёдовар мешавем, ки дар аввали моҳи апрели соли гузашта чунин мулоқоти дуҷонибаи роҳбарони Ӯзбекистон ва Қазоқистон дар шаҳри Хива баргузор шуда буд.

**ӮзА.**

## НАМУНАИ БАЛАНДИ ИНСОНПАРВАРӢ

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар арафаи ҷашни Иди муборакӣ Рамазон ҳамчун ифодаи равшани сифатҳои олиҷанобӣ халқи мо, накукорӣ, фароҳдилӣ, инсонпарварӣ, меҳру оқибат ва бахшандагӣ **ба Фармон «Дар бораи авфи гурӯҳи шахсоне, ки муддати ҷазоро адо мекунанд, аз кирдорашон сидқан пушаймон шудаанд ва қатъан ба роҳи ислоҳ гузаштаанд»** имзо гузошт.

Тибқи фармон дар асоси банди 23 моддаи 109-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон **488** нафар шахсе, ки ҳоло муддати ҷазоро мегузаронанд ва аз кирдори худ сидқан пушаймон шуда, қатъан ба роҳи ислоҳ гузаштаанд, авф карда шуданд.

Аз ашхоси авфшуда **100** нафар аз иҷрои ҷазои асосӣ пурра озод карда шуданд, **268** нафар шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод гардиданд, ҷазои маҳрум сохтан аз озодии **34** нафар бо ҷазои сабуктар иваз карда шуд. Инчунин, муҳлати ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ нисбати **86** нафар кам гардид.

Дар байни авфшудагон **17** нафарро шаҳрвандони кишварҳои хориҷӣ, **37** нафарро занон, **37** нафарро мардони синнашон аз 60 боло, **167** нафарро ҷавонон (аз онҳо **1** нафар ноболиғ) ва **5** нафарро шахсоне, ки дар фаъолияти созмонҳои мамнӯъ ширкат кардаанд, ташкил мекунад.

Дар доираи таъмини иҷрои Фармон ба вазорату идораҳои масъул оиди ба оғӯши оила ва наздиконашон баргардондани шахсони авфшуда, мусоидат дар мутобиқгардии иҷтимоӣ, ҷалб намудан ба меҳнати фоиданок, роҳандозии тарзи ҳаёти солим ва ишғоли ҷойгоҳи шоиста дар ҷамъият супориш дода шуд.

**ӮзА.**

*Дар кишвари мо ба ҳифзи пурзӯри иҷтимоии аҳолӣ таваҷҷуҳи баланд зоҳир мешавад. Ин таваҷҷуҳ дар дастгирии ҳамаҷонибаи оилаҳо, кӯдакон, занон, пиронсолон, шахсони маъюб, ҳалли масъалаи манзили ниёзмандон, таъмини шуғл, пешниҳоди таҳсили босифат, кумаки тиббии сариваҷтӣ ва коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ба таври васеъ инъикос меёбад.*

## НИЗОМИ «КОРТИ ИҶТИМОӢ» – ДАСТГИРИИ АҲОЛӢ ДАР ҲИФЗИ БОЭЪТИМОДИ ИҶТИМОӢ

Қарори Президент аз 18 июли соли 2024 «Дар бораи такмили куллии тартиби дастгирии иҷтимоии аҳолӣ аз ҷониби давлат», самаранокии ин равандро боз ҳам баланд бардошта, ба аҳолӣ кафолати гирифтани кумаки иҷтимоии давлатӣ, инчунин ҳадафмандӣ ва натиҷабахшии онро таъмин менамояд. Ҳамаи тадбирҳои дастгирии иҷтимоии аҳолӣ аз ҷониби давлат дар асоси технологияҳои рақамӣ пешниҳод карда мешаванд.

Ба гуфтаи мутахассисон, акнун Низоми иттилоотии «Корти иҷтимоӣ» ҷорӣ гардида, равандҳои таъин, пешниҳоди пардохт ва субсидияҳои иҷтимоӣ, хидматрасонӣ ва кумакҳои иҷтимоӣ, мониторинг ва арзёбии онҳо, инчунин тамоми чораҳои дигари дастгирии иҷтимоии аҳолӣ аз ҷониби давлат марҳила ба марҳила пурра автоматӣ карда мешавад.

Ин тартиб ниёзмандонро аз ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо барои дарёфти кумак ва пардохтҳои иҷтимоӣ, инчунин дигар чораҳои дастгирии давлатӣ озод намуда, имконияти гирифтани кумаки иҷтимоиро ба таври мақсаднок, дар муддати кӯтоҳ, аз масофа ва ба таври проактивӣ фароҳам меорад.

Қарори мазкур имтиёз ва сабукиҳои дигарро низ пешбинӣ мекунад, ки он ҳама яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлат маҳсуб шуда, дастгирии ҳамаҷонибаи иҷтимоии аҳолиро нишон медиҳад.

Аз ҷумла, аз 1 апрели соли ҷорӣ, марҳила ба марҳила, ҳангоми тасдиқи ҳолати маъюбӣ, мақоми донишҷӯ, хонанда, иштирокчии ҷанг ё шахси ба иштирокчии ҷанг баробаркардашуда шакли коғазии шаҳодатнома ва гувоҳномаҳои маъюбӣ, шаҳодатномаҳои хонандагон, шаҳодатномаҳои мактабӣ, шаҳодатномаҳои собиқадорони ҷанг ё шахсони ба онҳо баробаркардашуда бо роҳи иваз кардани онҳо бо кортҳои иҷтимоӣ бекор карда мешаванд. Барои шахсони дорои маъюбият ва имкониятaшон маҳдуд, имтиёзҳо барои истифодаи нақлиёти ҷамъиятӣ, роҳи оҳан, ҳавоӣ ва баҳрӣ, инчунин хидматрасонии мусофиркашонҳои бесамт татбиқ мегардад. Илова бар ин, барои дигар гурӯҳҳои аҳолие, ки ҳуқуқи истифодаи имтиёзноки ин хидматҳоро доранд, ворид шудан ба объектҳои иҷтимоии давлатӣ, чорабиниҳои консертӣ ва намоишҳо, инчунин дигар барномаҳо ройгон ё бо пардохти қисман ба роҳ монда мешавад.

Аз 1 июли соли ҷорӣ, шахсони воқеие, ки ба «Феҳристи ягонаи ҳифзи иҷтимоӣ» ворид шудаанд, ҳангоми хариди молу хидматрасониҳое, ки дар санадҳои қонунгузорӣ муқаррар гардидаанд, маблағи пардохтшудаи андози арзиши иловашударо (ААИ) дар муддати як рӯзи корӣ баргардонида метавонанд.

Дар вилояти Сурхондарё низ аз 1-уми июли соли ҷорӣ пардохтҳои иҷтимоӣ ба таври марҳилавӣ тавассути корти иҷтимоӣ амалӣ мешаванд.

– Ҷорӣ шудани ин низом низ самари равшани арҷгузории қадри инсон дар кишварамон мебошад, – мегӯяд роҳбари хадамоти иттилоотии раёсати Агентии миллии ҳифзи иҷтимоии вилояти Сурхондарё Азиз Машрапов. – Марҳилаи аввали лоиҳаи нав ҳамчун озмоиш дар шаҳри Тошканд ва ноҳияи Янгийӯли вилояти Тошканд татбиқ гардид. Дар марҳилаи дуюм, аз 1-уми июли соли ҷорӣ, дар баробари дигар минтақаҳои кишварамон, дар вилояти мо низ 12 намуди пардохти иҷтимоӣ тавассути корти иҷтимоӣ анҷом дода мешавад. Барои ин раванд аз ҳоло омодагии ҳамаҷониба дида мешавад.

Ба гуфтаи мутахассисони соҳа, корти иҷтимоӣ афзалиятҳои зиёд дорад. Ин низоми марҳилавӣ барои аҳолӣ ва соҳибкорон имкониятҳои муосир фароҳам меорад. Ҳамаи ин чорабиниҳо дар асоси тамоюли «Инсон — ҷомеа — давлат» сурат гирифта, ба таъмини сатҳи зиндагии шоистаи ҳар як инсон нигаронида шудаанд.

**Холмӯъмин МАМАТРАЙИМОВ,**
**мухбири ӮзА.**

## АВВАЛИН “КЛАСТЕРИ ТИББӢ” ДАР СУРХОНДАРЁ

**Ҳар як ҷашни миллӣ файзу шукӯҳи тоза дорад. Алалхусус, Наврӯзи оламафрӯз, ки айни бедории табиат, рамзи ҳаёти нав маҳсуб меёбад, бо омад-омади худ ба ҳаёти рӯзмарраи мо рангу ҷилои нав, иқболу хуррамӣ овард. Ба муносибати ин ҷашни фархундапай бахри ободонӣ ва фаровонии ҳаёти мардум дар вилояти Сурхондарё 47-то бинои нави маъмурӣ бунёд ёфта, ба истифода супорида шуд.**

Аз ҷумла, дар шаҳри Тирмиз ба ивази 86,4 миллиард сӯм “Кластери тиббӣ” сохта шуд, ки дорои ҳама гуна шароити ба талаботи замон ҷавобгӯ мебошад. Дар маросими ифтитоҳи ин маҷмаа ҳокими вилоят Улуғбек Қосимов, фаъолони меҳнат, нурониён, роҳбару ходимони соҳаи тиб ширкат варзиданд.

Дар ин маскани тиббии замонавӣ 300 ҷойи табобатӣ, хонаҳои омӯзишӣ ва толори анҷуманҳои дорои 450 ҷойи нишаст мавҷуд буда, кластери мазкур баробари расонидани хидмати тиббӣ ба дараҷаи сифатан нав, инчунин эҳтиёҷу талаботи аҳолии воҳаро ба мутахассисони соҳибмаълумот низ қонеъ мегардонад.

Мутахассисон арзёбӣ менамоянд, ки баробари ба кор сар кардани “Кластери тиббӣ” ҳар сол зиёда аз 14,5 миллиард сӯм маблағи давлат ва аҳолӣ сарфа мешавад.

Ба аҳолӣ инчунин боз 31 лоиҳаи дигар, ки дар даври дуюми «Буҷаи ташаббус» амалӣ гардид, тантанавор супорида шуд. Ба ин 17-то мактаб, 9 маскани тиббӣ, 2 мактаби олӣ, 2-то иншооти варзишӣ ва 1 бинои маъмурии ташкилоти навбунёди ҳимояи иҷтимоӣ шомил аст.

Барои коҳиш додани камбизоатӣ дар доираи барномаи “Аз камбизоатӣ – сӯйи фаровонӣ” дар 15 маҳаллаи вилоят воситаҳои обёрӣ, ки хеле корношоям гардида буданд, нав карда шуд.

Ба истифода дода шудани иншоотҳои мазкур барои ҳалли мушкилоти аҳолӣ, ободу фаровонии тарзи зиндагонии онҳо ва рушди соҳаи иҷтимоӣ хидмат мекунанд.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори**
**“Овози тоҷик” дар**
**вилояти Сурхондарё.**

## ТАЛАБ БА МЕБЕЛҲОИ КОРХОНА ЗИЁД

Корхонаи масъулияташ маҳдуди «Gracefull Mebel», ки дар ҳудуди ҷамоаи шаҳрвандони овули «Сарабий»-и ноҳияи Элликқалъаи Ҷумҳурии Қароқалпоқистон фаъолият дорад, соли 2024 ба мақсади бо шуғл таъмин намудани аҳолӣ созмон ёфта буд.

Барои бунёди корхонае, ки дар 20 хол замин қомат афрохтааст, 1 миллиард сӯм маблағ масраф гардид. Ҳоло дар корхонаи бо таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз 10 нафар ҷавон бо шуғли доимӣ таъминанд.

Дар айни ҳол талаб ба маҳсулоти корхона зиёд аст. Идораву созмонҳои гуногун ва аҳолӣ мебелҳои корхонаро харидорӣ мекунанд.

**Дар акс:** дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуди мазкур.

**Аксбардор:**
**М. ҲАБИБУЛЛОЕВ**
**ӮзА.**



## НАМОИШИ САЛОҲИЯТИ САЙЁҲИИ ФАРҒОНА ДАР ҶОПОН

**Муовини ҳокими вилояти Фарғона Хуршедҷон Аҳмедов аз сафари Ҷопон баргашт. Вай зимни суҳбати ихтисосӣ бо мухбири “Овози тоҷик” ин сафарро хеле бобарор арзёбӣ намуд.**

– Нахуст дар ҷашнвораи «Japan World’s Tourism Film Festival 2025» бо як филми худ ширкат намудем ва Ӯзбекистони Навро муаррифӣ кардем. Дар ин ҷашнвора аз чандин кишвар 1 ҳазору 132 навор ширкат варзид, ки рушди сайёҳии ҳамон мамлакатро ба маърази тамошо гузошт. Аммо танҳо 60 филм ба даври ниҳоии ҷашнвора роҳ ёфт. Хушбахтона, навори мо яке аз ин филмҳоро ташкил дод, – изҳор кард Х. Аҳмедов.

– Ин дастоварди муҳимро барои тамоми мардуми вилояти Фарғона муборакбод мегӯям. Наворе, ки мо ба маърази тамошо гузоштем, аз тарафи доварон ва тамошобинони ҷашнвора хеле хуш истиқбол гирифта шуд.

Бояд ёдовар шуд, ки кулолони риштонӣ бо маҳсулоти сафолин дар байни мардуми як қатор минтақаҳои Ҷопон шинохта шудаанд ва ин лоиқи таҳсин мебошад. Аз ҷумла, дурахши зарфҳои сафолини бародарон Алишер ва Бахтиёр Назировҳо таваҷҷуҳи мардуми зиёдро ба худ кашидаву гӯшаи хонаҳои сокинони онро ҷилову зиннат бахшидааст, – изҳор намуд ӯ.

Қарор аст, ки як гурӯҳ ҳунармандони ин кишвари офтоббаро дар Ҷашнвораи сеюми байналмилалии ҳунармандии Қӯқанд бо маҳсулоти худ ширкат мекунанд ва ин ба асоси тавофуқоте ба вуқӯъ хоҳад пайваст, ки дар ҷараёни сафар ба даст омадааст.

– Ҳамкориҳо бо Ҷопон натанҳо дӯстии мардуми ду кишварро таҳким мебахшад, балки дар рушди равобити фарҳангиву иқтисодии Ҷопон бо вилояти Фарғона ҳамчун омили муҳим хидмат хоҳанд кард, – гуфт Х. Аҳмедов.

Ҳамсуҳбати мо зимнан қайд намуд, ки дар шаҳри Осакаи Ҷопон бо Нориюки Секи ном соҳибкори хеле варзида дидору мулоқот кард. Маълум шуд, ки ин соҳибкор дар ихтиёри худ беш аз 60 меҳмонхона, 10 тарабхона ва чандин қаҳвахонаву бар низ дорад.

– Натиҷаи ин ҳамкориҳо дар ояндаи наздик самараи худро хоҳанд дод ва барои болоравии иқтисодиёти вилоят ҳиссаи арзанда хоҳанд гузошт, – гуфт дар ниҳояти суҳбат муовини ҳокими вилоят Хуршедҷон Аҳмедов.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири**
**“Овози тоҷик”.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

## САРМОЯГУЗОРӢ БА ТАЪЛИМ – РОҲИ ДУРУСТ ВА САМАРАНОКТАРИНИ ПЕШРАФТ

**Таълим яке аз соҳаҳои муҳимтарин ба шумор меравад, ки ояндаи ҳар давлатро муайян мекунад. Бо маоши муносиб таъмин намудани омӯзгорон, роҳбарони мактабу боғчаҳо, ки дар ин система кор мекунанд, дар рушди ҷомеа аҳамияти ҳалкунанда дорад.**

Фармони роҳбари давлат «Дар бораи чорабиниҳои иловагӣ барои баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии таълими томактабӣ ва мактабӣ» далели равшани он аст, ки ислоҳот дар низоми таълим босубот идома доранд.

Бо назардошти он ки Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат» тарафдори таҳкими ҳифзи иҷтимоии омӯзгорон ва роҳбарони муассисаҳои таълимӣ аст, ин иқдоми нек натанҳо боиси хушнудии кормандони соҳаи маориф, балки мо – “адолатчиён” низ мебошад. Зеро қисми асосии электорати ҳизби моро маҳз кормандони соҳаи маориф ташкил медиҳанд.

Дар Барномаи пешазинтихоботии ҳизби мо чунин вазифаҳо дақиқ муайян шудаанд: «Арзёбии шоистаи заҳмати омӯзгорон ва ҳавасмандгардонии онҳо, ки қисми асосии электорати ҳизбро ташкил медиҳанд, ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи мост. Мо кӯшиш мекунем, ки иштироки фаъолонаи падару модаронро дар раванди таълиму тарбия таъмин кунем, ҳамкории оила, мактаб ва маҳалларо таҳким бахшем. Сармоягузорӣ ба таълим – ин сармоягузорӣ ба оянда, некӯаҳволии мардум ва таъминкунандаи рақобатпазирии давлат мебошад. Аз ин рӯ, мо ҷонибдори такмили пайвастаи низоми таҳсилоти доимӣ, таъмини таълиму тарбияи босифат ва омода кардани кадрҳои баландихтисос мебошем».

Агар ҳадафи мо бунёди ҷомеаи маърифатпарвар бошад, пас беҳтар кардани шароити моддии кормандони соҳа роҳи дурусттарин аст. Зеро онҳо на танҳо раванди таълимро ташкил медиҳанд, балки ба ташаккули насли комилан нав таъсири мустақим мерасонанд.

Бар асоси ин фармон, аз 1 сентябри соли 2025 музди меҳнати директорони мактабҳо 20 фоиз, муовинони онҳо 15 фоиз зиёд мешавад. Ҳамзамон, музди меҳнати директорони кӯдакистонҳо ба сатҳи музди муовинони директорони мактаб баробар мегардад. Ин натиҷаи эътимод ва эҳтироми воқеӣ нисбат ба роҳбарони муассисаҳои таълимӣ мебошад.

Тибқи ҳуҷҷат, ҷорӣ кардани иловапулиҳо, ки ба натиҷабахшии фаъолияти онҳо вобаста аст, низ дар назар дошта шудааст. Аз ҷумла, аз 1 январи соли 2026 дар идораи мактабҳо низоми KPI (нишондиҳандаҳои самаранокии фаъолият) ҷорӣ мешавад, ки он масъулият ва натиҷабахширо дар идоракунии мактабҳо афзоиш хоҳад дод.

Илова бар ин, рушди мустақили мактабҳо низ такмил меёбад. Ба ибораи дигар, 75 фоизи маблағҳое, ки аз иҷораи биноҳои мактабӣ ба даст меоянд, барои эҳтиёҷоти мактаб сарф мешаванд. Ин ба беҳтарсозии инфрасохтори мактаб, баланд бардоштани сифати таълим ва модернизатсияи шароити таълимӣ мусоидат хоҳад кард.

Ҳизби мо ҳамеша ҷонибдори беҳтар кардани шароити меҳнатии кормандони низоми таҳсилоти олӣ ва миёнаи умумӣ, мутобиқ кардани музди меҳнати онҳо ба талаботи бозор ва таҳкими ҳифзи иҷтимоии мутахассисон мебошад.

Фаъолони Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат» на танҳо ин фармонро дастгирӣ мекунанд, балки барои эҷоди шароити муносиби меҳнат ба кормандони соҳаи таълим, таҳкими ҳимояи моддӣ ва маънавии онҳо пешниҳоди таклиф ва ташаббусҳои амалиро идома хоҳанд дод. Зеро сармоягузорӣ ба омӯзгорон барои ташаккули насли комил ва шоиста аҳамияти калидӣ дорад.

**Робахон МАҲМУДОВА,**
**роҳбари фраксияи ҲСД «Адолат» дар Палатаи қонунгузории Олий Мажлис.**

# ЎЗБЕКИСТОН БЕҲТАРИН МАКОНИ ИСТИРОҲАТИ ФАРҲАНГӢ ДАР СОЛИ 2024 ЭЪТИРОФ ШУД

**Дар пойтахти Ҷумҳурии Мардумии Чин маросими супурдани ҷоизаи “World Leisure Awards 2024” баргузор гардид, ки дар он Ўзбекистон беҳтарин макони истироҳати фарҳангӣ дар соли 2024 эътироф шуд.**

Дар чорабиние, ки аз ҷониби маҷаллаи «Travel&Leisure» ташкил карда шуд, намояндагони ҳайатҳои дипломатии хориҷӣ, мутахассисони соҳаи сайёҳӣ ва расонаҳои Чин иштирок доштанд.

Сармуҳаррир ва асосгузори маҷалла Сяо Ян таъкид кард, ки Ўзбекистон дар соҳаи сайёҳӣ иқтидори бузург дорад ва яке аз беҳтарин маконҳо барои саёҳат маҳсуб мешавад. Меъмории беназир, ёдгориҳои таърихӣ ва имкониятҳои сайёҳии кишвар ҳамасола миллионҳо меҳмононро аз тамоми ҷаҳон ҷалб мекунанд. Ў ҳамчунин зикр кард, ки солҳои охир шумораи сайёҳони чинӣ, ки мехоҳанд ба Ўзбекистон сафар кунанд, афзоиш меёбад.

Иштирокдорони чорабинӣ бо ислоҳоти соҳаи рушди сайёҳии Ўзбекистон низ шинос гардиданд. Таъкид шуд, ки бо таваҷҷуҳи давлат соҳаҳои нави сайёҳӣ рушд ёфта, инфрасохтор беҳтар ва Ўзбекистон ҳамчун маркази сайёҳӣ эътироф мегардад.

Ҳамчунин қайд гардид, ки соли 2025 ҳамчун Соли сайёҳии Ўзбекистон дар Чин эълон шудааст ва дар ин доира дар шаҳрҳои гуногуни кишвар чорабиниҳои фарҳангӣ баргузор мегарданд. Бо мақсади афзоиши шумораи сайёҳони чинӣ ба Ўзбекистон, миқдори хатсайрҳои ҳавоӣ байни шаҳрҳои ду кишвар дучанд карда шудааст.

Илова бар ин, хабар дода шуд, ки 43-юмин иҷлосияи Конфронси генералии ЮНЕСКО соли 2025 дар шаҳри Самарқанд баргузор хоҳад шуд. Ин чорабинӣ бори аввал аз соли 1985 инҷониб берун аз шаҳри Париж гузаронида мешавад.

**АИ “Дунё”,**
**ш. Пекин.**



# АТРОФИ ҚАБРИСТОН ИҲОТА ГАРДИД

**Бахшиши гуноҳи якдигар, аёдати падару модарон, беморону калонсолон ва хайру саховат ба ниёзмандон, инчунин, тозаву озода кардани хона, кўча ва маҳалли зисти худ аз суннатҳои инсондўстонаи Наврўз ва ойинҳои зебоипарастии ниёгонамон ба шумор меравад.**

Дар арафаи ин ҷашни баҳорӣ ҳама мекўшанд ба амали хайре даст зананд, ба дармондагон ёрӣ расонанд, баҳри обод кардани гўшае саҳм гузоранд. Фарзанди некноми деҳаи Сойхурд Манучеҳри Эгамзода низ дар арафаи иди баҳорӣ кори хайреро анҷом дод. Баҳри ободонии қабристони деҳа саҳм гузошт.

Манучеҳр, ки ҳоло муқими шаҳри Тошканд аст, 330 метр симтўр, 1000 дона хишти бетонӣ, 1 тонна семент ва 14 мошин сангу рег оварда, атрофи қабристонро бо симтўр иҳота кард.

Бояд гуфт, ки симтўрҳои пешинаи атрофи қабристон хеле фарсуда гардида буд. Ҳатто гоҳо чорвои калону хурди мардум ба он даромада, қабрҳоро зери по мекарданд. Инак, атрофи қабристон хеле хуб маҳкам гардид. Умед дорем, ки дигарон ҳам ин иқдоми некро пайгирӣ мекунанд ва ба ташаббусҳои нек даст зада, баҳри ободии деҳа саҳм мегузоранд.

**Орзумурод РЎЗИЕВ,**
**раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Каттасойи ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ.**

**Ба пешвози Рўзи Ғалаба**

# ШУҶОАТИ ПАДАРОН

**Ҳоло мо дар арафаи пешвозгирии 80-солагии Ғалаба дар Ҷанги дуюми ҷаҳон қарор дорем. Тавре ки маълум аст, ин ҷангро моҳи сентябри соли 1939 фашистони Олмон оғоз намуда, қариб дар давоми ду сол аз пайи ба даст даровардани Аврупои Ғарбӣ ва Шарқӣ шуданд. 22 июни соли 1941 бошад, онҳо бо ҳамроҳии иттифоқчиёни худ ба давлати сермиллати Шўравӣ аҳдшиканона ҳуҷум сар карданд. Дар назди худ мақсад гузоштанд, ки ин давлатро дар давоми 3-4 моҳ ғасб мекунанд, аммо ин тавр нашуд. Ҳама як тану як ҷон шуда, ба муқобили душман бархестанд.**

Даҳҳо ҳазор нафар ўзбекистониён низ чун мардуми дигар ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шўравӣ аз рўзи аввал ба ҷанг сафарбар карда шуданд. Онҳо дар муҳорибаҳои заминҳои Русия, Белорусия, Украина, Латвия, Литва, Эстония ҷонбозӣ карданд. Аз Ўзбекистон беш аз 1,5 миллион нафар ҷавонмардон ба ҷанг сафарбар гардиданд, ки онҳо дар озодкунии Полша, Чехословакия, Руминия, Булғория, Венгрия, Югославия ва Албания аз фашизм иштирок карданд. Барои мардонагӣ ва ҷасорати ҷанговаронаашон 338 нафар ўзбекистониён сазовори унвони олӣ – Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ гардиданд. Беш аз 120 ҳазор нафарашон бо ордену медалҳо мукофотонида шуданд. 400 ҳазор нафар фарзандони шуҷоатноки мамлакатамон дар майдонҳои ҷанг қурбон гардиданд.

Ўзбекистониён нафақат дар мубориза ба муқобили душман ҷасорат нишон доданд, балки дар ақибгоҳ коргарони заводу фабрикаҳо, роҳиоҳанчиён, табибон, кишоварзон, хонандагон бо меҳнати самараноки худ барои Ғалабаи бузург ҳисса гузоштанд.

Мардум бо роҳнамоии сарвари ҷумҳурӣ Усмон Юсуфов, ки «Маршали ақибгоҳ» ном гирифта буд, шабу рўз дар корхонаҳои саноатӣ, дар саҳроҳо кор карда, барои фронт маҳсулот истеҳсол намуда, мефиристоданд. 300 корхонаи саноатии республика барои фронт беист кор мекард.

Дар солҳои 1941-1945 Ўзбекистон барои фронт 1010 самолёт, 8243 авиадвигател, 1373 миллион дона снаряд ва мина, 154 миллион дона бомба, ба миқдори зиёд дорую дармон истеҳсол намуда фиристоданд. Деҳқонон 4,8 миллион тонна пахта, 1 миллион тонна ғалла ва 25 фоизи шакарқанди иттифоқро истеҳсол мекарданд. Ҳангоми муҳосири Ленинград 100 вагон биринҷ, 60 вагон меваи хушк, 30 вагон либосу пойафзори чармин фиристоданд.

Дар солҳои ҷанг дар ҳудуди республика 115 госпитали ҳарбӣ амал карда, дар он саломатии 54242 нафар ҷанговар барқарор гардид. Ҳамдиёрони мо беш аз 200 ҳазор нафар кўдакони миллатҳои гуногуни ятиммондаро ба оғўши гарми худ гирифта, ним бурда нонашонро бо онҳо баҳам диданд, барои ҷанговарони захмдор бошад, 10,5 ҳазор литр хун супурданд.

Дар бораи корномаи ўзбекистониён дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон китобу кинофилмҳои бисёр офарида шудааст, ки ҷасорату шуҷоати мардуми моро намоиш медиҳад.

Сол аз сол шумори иштирокдорони ҷанг дар мамлакатамон кам шуда истодаанд. Соли гузашта дар деҳаи мо намояндаи охирини иштирокчии ҷанг аз олам чашм пўшид. Ҳоло 3-4 нафар намояндаи меҳнати ақибгоҳ, ки он гоҳ 13-14-сола будаанду дар саҳро ҷавлон мезаданд, дар қайди ҳаёт мебошанд.

Бо наздикшавии Рўзи Ғалаба мо бояд чунин ҷонсориҳои ҳамдиёронро бори дигар ба ёд оварем. Мазмуну моҳияти ин ҷангро ба ҷавонону наврасон фаҳмонем, онҳоро аз корнамоии падарону модарон ибрат гирифтан сафарбар намоем. Бо ин роҳ мо ба тарбияи ватанпарварӣ, шуҷоатнокӣ ва ҷасоратнокии насли наврас ҳисса мегузорем.

**Назирҷон ЭРГАШЕВ,**
**ноҳияи Ҷусти вилояти Намангон.**

# ПОЯИ МУСТАҲКАМИ ҲУҚУҚИИ СИЁСАТИ ҶАВОНОН

**Дар кишвари мо масъалаи ҷавонон яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад. Тавре маълум аст, дар шароити равандҳои муосири тағйирот, ҷавонон нисбат ба насли калонсол бештар бо душвориҳо рў ба рў мешаванд ва ба таваҷҷуҳу дастгирӣ ниёз доранд.**

**Стратегияи СММ «Ҷавонон – 2030» махсус таъкид мекунад, ки «ҷавонон сарвати гаронбаҳо ва аз ҳама муҳим ҳастанд, ки сазовори сармоягузорӣ мебошанд, зеро ин сармоягузорӣ чандин маротиба натиҷаи мусбат хоҳад овард». Бо назардошти ин, Ҳадафҳои рушди устувори СММ соҳаҳои асосии муайян намудаанд (маориф, шуғл ва ғайра), ки дар онҳо кўшишҳои фаъол ва пайгиронаи давлатҳои ҷаҳон заруранд. Ислоҳоти муҳиме, ки солҳои охир дар кишвари мо амалӣ шуданд, пеш аз ҳама, ба ҷавонон, мавқеи зиндагии онҳо, арзишҳои маънавӣ ва интизориҳои иҷтимоиашон таъсири бузург расониданд. Имрўз дар Ўзбекистон ҷавонони то 30-сола тақрибан 60 фоизи аҳолиро ташкил медиҳанд. Пешбинӣ мешавад, ки ин ҳисса дар даҳсолаҳои оянда афзоиш ёфта, то соли 2045 ба нуқтаи баландтарин мерасад, ки ин аҳамияти сиёсати давлатии мукаммал ва санҷидашудаи ҷавононро боз ҳам афзун менамояд.**

Дар ҳамин ҳол, тайи ҳашт соли охир муносибат ба сиёсати ҷавонон ба таври куллӣ тағйир ёфт. Дар кишвар системаи беназири идоракунии амалиёт бо ҷавонон ҷорӣ шудааст. Ин система имкон медиҳад, ки дар сатҳи поёнии идоракунӣ – маҳаллаҳо масъалаҳои муҳими марбут ба ҷавонон бо воситаи пешвоёни ҷавонон ҳаллу фасл карда шаванд. Бо шарофати ҷорӣ намудани низоми нав, ки барои баланд бардоштани даромади ҷавонон тавассути ҷудо кардани қитъаҳои замин равона шудааст, танҳо дар соли 2024, тибқи тавсияҳои «ҳафтгонаи маҳалла», ба 156 ҳазор ҷавону духтарон 60 ҳазор гектар замин ба иҷора барои 30 сол дода шуд, ки ин як қадами муҳим дар ин самт мебошад.

Ислоҳоти марбут ба тарбияи ҷавонон ба таври системавӣ ва марҳилавӣ амалӣ шуда, бо дигар соҳаҳои ҳаёти ҷомеа пайванди ногусастанӣ доранд. Имрўз дар Ўзбекистон пойгоҳи ҳуқуқӣ ва сохтории сиёсати давлатии ҷавонон ташаккул ёфтааст. Агентии кор бо ҷавонон фаъолият мекунад. Ҳамчунин, Шўрои байниидоравӣ оид ба масъалаҳои ҷавонон таҳти роҳбарии Сарвазири кишвар таъсис ёфтааст. Дар назди агентӣ Бунёди дастгирии сиёсати давлатии ҷавонон, инчунин Пажўҳишгоҳи омўзиши мушкилоти ҷавонон ва омодасозии кадрҳои ояндадор ташкил шудааст.

Дар Палатаи қонунгузории парлумон Комиссия оид ба масъалаҳои ҷавонон таъсис ёфта, дар ҳар ду палата парлумонҳои ҷавонон фаъолият доранд. Аз соли 2017, 30 июн дар Ўзбекистон ҳамчун Рўзи ҷавонон таҷлил мешавад, ки он расман дар кишвар ҳамчун иди давлатӣ муқаррар шудааст. Ҳамасола нақшаи чорабиниҳои ҷавонон таҳия ва амалӣ мегардад.

Дар кишвари мо барои ҷавонон мукофотҳои гуногуни давлатӣ ёфтаанд. Аз ҷумла, Мукофоти давлатии ба номи Зулфия бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи дастгирии пешниҳодҳо оид ба таъсиси Мукофоти давлатии ба номи Зулфия» аз 10 июни соли 1999 таъсис ёфтааст. Ин ҷоиза ба духтарони болаёқати синнашон аз 14 то 30-сола дода мешавад. Ғолибон бояд бо фаъолияти иҷтимоӣ ва истеъдоди худ барои ҳамсолонашон намуна бошанд ва дар таҳсилу меҳнат муваффақиятҳои назаррас дошта бошанд. Мукофот ҳамасола ба 2 нафарӣ намоянда аз Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд – дар маҷмўъ 28 нафар дода мешавад.

Мукофоти давлатии «Мард ўғлон» дар рўзҳои таҷлили Рўзи ҷавонон ба ҷавонони истеъдодноки аз 14 то 30-сола дода мешавад. Ин ҷоиза ба онҳое тақдим мегардад, ки дар таҳсил, фаъолиятҳои иҷтимоӣ ва истеъдодашон барои ҳамсолони худ намунаи ибрат мебошанд. Ин ҷоиза барои комёбиҳои барҷаста дар соҳаҳои илм, маориф, тиб, фарҳанг, адабиёт, санъат, истеҳсолот, хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дода мешавад.

Системаи пайвастаи таълим ва тарбия, ки дар кишвари мо ташаккул ёфтааст, ба ҷавонон имкон медиҳад, ки ба ҷаҳони тамаддуни иттилоотӣ ворид шаванд, аз дастовардҳои илму техника ва технологияи муосир барои гирифтани дониш истифода баранд ва дар ин замони нави иттилоотӣ барои рушди шахсияти худ имкониятҳои объективӣ пайдо кунанд.

Дар соҳаҳои маориф, варзиш ва фарҳанг ислоҳоти зиёд амалӣ шуданд. Мактабҳои президентӣ, махсус ва эҷодӣ таъсис ёфтанд, шумораи ҷойҳои корӣ афзуд ва барои насли ҷавон имкониятҳои бештар муҳайё гардиданд. Яке аз ташаббусҳои муҳим – пойгоҳи иттилоотии «Дафтари ҷавонон» ҷорӣ карда шуд, ки барои муайян кардани мушкилоти ҷавонони бекор ва ниёзманд, таъмини онҳо бо дастгирии иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва равонӣ, инчунин баланд бардоштани дониш ва малакаҳои онҳо равона шудааст.

Дар соли 2023 шумораи хизматрасониҳо тавассути низоми «Дафтари ҷавонон» ба 30 намуд афзоиш ёфт. Ҳамчунин, муҳлати баррасии мурочиатҳо аз 30 рўз то 5 рўз кўтоҳ карда шуд. Тағйиротҳои амалишаванда аллакай натиҷаҳои намоён ба бор овардаанд. Дар се соли охир, ҷавонони Ўзбекистон дар мусобиқа ва озмунҳои бонуфуз тақрибан 5,5 ҳазор ҷоизаи байналмилалӣ ба даст овардаанд.

Қонуни асосии кишвари мо кафолат медиҳад, ки ҳар як шаҳрванд, аз ҷумла ҷавонон, бо ҳифзи иҷтимоӣ фаро гирифта шаванд, шароити шоиста дошта бошанд ва имкониятҳои зиндагии онҳо бо имкониятҳои дигар гурўҳҳои аҳолӣ баробар бошад. Дар асоси Конститутсия, давлат барои рушди комил, ҳифзи ҳуқуқ ва омодасозии ҷавонон ба зиндагӣ дар ҷомеа, инчунин дастгирии мақомоти маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар созмонҳо, ки ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии насли ҷавонро таъмин мекунанд, чораҳо меандешад (моддаи 79-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Ўзбекистон).

Қонунҳои «Дар бораи маориф», «Дар бораи кафолатҳои ҳуқуқи кўдак», «Дар бораи фарҳанги ҷисмонӣ ва варзиш», «Дар бораи пешгирии бесаробонӣ ва ҳуқуқвайронкунии ноболиғон» ва дигар санадҳо заминаи ҳуқуқии татбиқи онро фароҳам овардаанд.

Кодекси ҷавобгарии маъмурии Ҷумҳурии Ўзбекистон барои истифодаи меҳнати ноболиғон (моддаи 491) ва маҷбуран ба меҳнат ҷалб кардани онҳо (моддаи 51) ҷавобгарии маъмуриро пешбинӣ мекунад. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Ўзбекистон (моддаҳои 148? ва 148?) барои чунин амалҳо, ки пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ содир шудаанд, ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ менамояд.

Бо назардошти ин, Қонуни махсус «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» қабул гардид, ки ҳадаф, вазифа, самт, мазмун ва шаклҳои ин сиёсати давлатиро дар асоси низоми мукаммал муайян намуд.

Қонуни мазкур сиёсати давлатии ҷавононро ҳамчун маҷмўи тадбирҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ташкилию ҳуқуқӣ муқаррар намуд, ки давлат онҳоро барои фароҳам овардани шароит баҳри ташаккули иҷтимоӣ ва рушди потенсиали зеҳнӣ, эҷодӣ ва дигар иқтидори ҷавонон татбиқ менамояд. Ин қонун инчунин мафҳуми дақиқи «ҷавонон»-ро муайян кард, ки онро шахсони аз чордаҳ то сисоларо дарбар мегирад.

Аз ин рў, сиёсати давлатии ҷавонон маҷмўи ҳадаф, вазифа, функсия, стратегия, тадбир, шакл ва усулҳои татбиқшавандаро дар соҳаи ҷавонон фаро мегирад. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии фаъолияти давлатро дар ин соҳа муайян намуда, механизми ташкилию ҳуқуқии ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатии ҷавононро таҳким мебахшад.

Дар муқоиса бо Қонуни қаблӣ «Дар бораи асосҳои сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Ўзбекистон» (соли 1991), қонуни нав самтҳои афзалиятноки ин сиёсатро бо назардошти таҳдидҳо ва ниёзҳои имрўза мустаҳкам намудааст. Қонуни мазкур муқаррар менамояд, ки барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва монанди ин барои дастгирии ҷавонон қабул карда шаванд. Вазифа ва салоҳиятҳои мақомоти татбиққунанда ва иштирокчии сиёсати давлатии ҷавонон, инчунин масъулияти онҳо дақиқ муайян шудаанд.

Барои татбиқи самараноки сиёсати ҷавонон зарур аст, ки равишҳои наве истифода шаванд, ки ниёзҳои ҷавононро ба инобат мегиранд. Ба чунин равишҳо метавон усули ҳалли муштараки масъалаҳои сиёсати ҷавононро шомил кард, ки дар он ҷавонон ҳангоми арзёбии ҷараён ва натиҷаҳои сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун коршинос иштирок мекунанд. Бе чунин ҳамкории фаъоли ҷавонон татбиқи самараноки сиёсати ҷавонон ғайриимкон аст.

Аз ин рў, бояд ба масъалаи кор бо ҷавонони ғайрифаъол ва гузаронидани корҳои мақсаднок бо онҳо диққати махсус дода шавад. Масалан, дар доираи лоиҳаи ихтиёрии Street Law, ки аз ҷониби Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Тошканд амалӣ мегардад, донишҷўён бо истифода аз усулҳои интерактивӣ ба хонандагон ба принсипҳои асосии ҳуқуқро, ки дар ҳаёти ҳаррўза заруранд, меомўзанд.

Қадами дигар дар ин самт метавонад ташкили «кластерҳо оид ба кори иҷтимоию ҳуқуқӣ бо ноболиғон» бошад. Ин модели ташкили кор бо наврасони мушкилтарбия бо ҷалби институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бо истифода аз системаи «оила – маҳалла – мактаб – ҳаёти мустақил» метавонад натиҷаҳои мусбат ба бор оварад.

Ҷавонони Ўзбекистон дорои потенсиали бузург дар рушди кишвар мебошанд. Ҳадафмандӣ ва дониш, неруи эҷодӣ ва рўҳияи соҳибкории онҳо ба омили калидӣ дар расидан ба рушди устувори Ўзбекистон табдил меёбанд.

Тавре Президент Шавкат Мирзиёев таъкид намудааст: «Мо тамоми қувва ва имкониятҳои давлат ва ҷомеаи худро сафарбар мекунем, то ҷавонони мо дорои тафаккури мустақил, потенсиали баланди зеҳнӣ ва маънавӣ бошанд, дар ҳеҷ соҳа аз ҳамсолони худ дар дигар кишварҳо қафо намонанд, хушбахт ва ба ояндаи худ итминон дошта бошанд».

**Амонулло МУҲАММАДҶОНОВ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори Донишгоҳи давлатии Тошканд.**

# “МЕҲМОН – АТОИ ХУДО”

Чи хеле ки мардуми меҳмондўсти мо “меҳмон атои Худо” мегўянд, моҳи шарифи Рамазон, ки ба моҳи март, фарорасии фасли баҳор рост омад, имрўзҳо меҳмони хонадони ҳар яки мо мебошад.

Оид ба моҳи Рамазон дар фарҳанги форсӣ, аз қабили Фарҳанги Деҳхудо, вожа ё калимаи рамазон ё рўза чунин омадааст:

“Моҳи Рамазон моҳи нуҳум аз солшумории қамарӣ буда, онро – Моҳи рўза – Моҳи сиём – Рамазону-л-муборак ва инчунин Моҳи муборак низ меноманд ва вожаи рўза низ дар ин фарҳанги луғат ба маънии худдорӣ кардан аз хўрдану ошомидан омада ва инчунин дурию парҳез аз соири аъмоле, ки барои рўзадор манъ шудааст, аз тулўи субҳи содиқ то ғуруби офтоб”.

Паёмбар (с.а.в.) мефармояд: “Ҳар чиз закоте дорад ва закоти бадан рўза аст”. (“Мусаннаф”-и Ибни Абўшайба). Моҳи шарифи Рамазон шахсони дорандаву тавонгарро огоҳ ва водор месозад, то аз аҳволи нодорон, тангдастону ятимон хабардор бошанд ва ба онҳо дасти ёрӣ дароз намоянд ва бо ин амали хеш хотири онҳоро хушнуд бисозанд. Яке аз манфиатҳои дигари моҳи Рамазон ин зиёд гардидани файзу баракоти ин моҳ аст. Ба ҳамагон маълум аст, ки бо даромадани моҳи муборак ҳар фарди мусулмонро воҷиб аст, то бухлу хасисиро аз худ дур карда, рў ба хайру саховат ва аъмоли шоиставу накў орад.

Рўза дорои фоидаҳои маънавӣ, ҷисмонӣ ва иҷтимоии зиёде мебошад.

– Аз ҷумла, рўза инсонро дар мактаби сабру таҳаммул ва бардошт тарбият менамояд, хештандорӣ ва худидоракуниро меомўзад, тараҳҳум, меҳрубонию дилсўзӣ ва эҳсоси масъулиятро дар ботини инсон бедор месозад, бадӣ ва разилиро дар миёни мардум коҳиш медиҳад, меъдаро полоиш ва покиза менамояд, баданро аз боқимондаҳои хурокӣ ва ошомиданӣ пок мегардонад, вазни зиёдатиро коҳиш медиҳад. Муҳимаш, хислати парҳезгорӣ ва поку нек зистанро дар инсон тақвият медиҳад, – мегўяд зимни суҳбат омўзгори собиқадор аз деҳаи Заркенти ноҳияи Паркент Ўғилой Эшматова. – Бамаврид аст оиди зиёрати Умраву Ҳаҷ низ каме истода гузарем. Имрўзҳо мардуми мо, хоҳ зан ва хоҳ мард, зиёрати Умраву Ҳаҷро роҳи худнамоӣ, ба қавле “бозича” намудаанд. Дар яке аз гирдиҳамоии занҳои ҳамсоя суҳбат танҳо аз зиёрати Умраву Ҳаҷ рафт. Зане, ки бо карру фарр менишаст, гуфт: “Ду маротиба ба зиёрат рафта омадам. Худо хоҳад, ният дорам боз равам”. Ва ба ман нигоҳ карда гуфт:

– Апаҷон, шумо низ шароити рафтан доред, чунки фарзандонро ҷобаҷо кардаед, ҳамааш хонаву дар доранд, бо касбу кори худ машғул ҳастанд...

– Насиб, албатта зиёрат яке аз панҷ рукни дини мубини ислом ба шумор меравад. Вале на се-чор маротиба. Ҳамон маблағи зиёдро, ки дар ин роҳ сарф мегардад, ба оилаҳои серфарзанд, ногиро, камтаъмин, беморон диҳем, савобаш бештар мерасад. Ё пардохти шартномаи таҳсил, боғчаю мактаби набераҳоро диҳем, онҳо хурсанд мешаванд, ки хурсандии онҳо барои мо давлати калон аст, – гуфтам базўр худдорӣ намуда.

Бале, баъзе пулдорҳо сарвати худро намоиш медиҳанд, ба куҷо, ба чӣ сарф кардани онро намедонанд. Ҳол он ки ҳамсояаш писарчаи ногиро дорад, ё ин ки оилаи ҷавони ҳамдеҳааш аз бефарзандӣ азият мекашад ва маблағе надорад, ки табобат гирад, ё ки куҳансолони танҳо ҳастанд, ки ба кумак муҳтоҷанд.



– Дирўз бо иштироки роҳбари давлат халқи мо дар қароргоҳи “Кўксарой” маросими ифтор ташкил намуд. “Ғояи неки “Барои қадри инсон, барои бахти инсон” дар фаъолиятамон маҳаки асосӣ мегардад. Дар асоси он таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои ҳар як ҳамватан, сарфи назар аз миллат, забон ва дин, дар ҳаёти ҷамъият ба мадди аввал мебарояд”, – иброз намуд роҳбари давлат дар суханронии худ. “Танҳо соли гузашта ба одамони ниёзманд ба миқдори 16 триллион сўм кумаки моддӣ ва ёрдампулӣ пардохта шуд. 3,5 миллион зан дар доираи “Дафтари занон” ба маблағи 5 триллиону 700 миллиард сўм кумак дарёфт намуданд. Аз оғози татбиқи “Дафтари ҷавонон” ба 1 миллиону 300 ҳазор ҷавони ниёзманд кумаки иҷтимоӣ ба маблағи 1 триллиону 700 миллиард сўм расонида шуд”, – гуфт Президент.

Ин рақамҳоро шунида, ба олиҳимматӣ, хайру саховат ва таҳаммулпазирии халқамон ҳар як инсони солимфикр аҳсант мегўяд, – фикри худро идома дод Ў. Эшматова.

Дар давоми як моҳ чорабиниҳои хайру эҳсон таҳти шиори “Рамазон – моҳи кушодадилӣ, ваҳдат ва карам” идома ёфтанд, ки ин ҳама барои баланд бардоштани арзишҳои инсонӣ ва дўстии халқҳоямон хидмат мекунанд.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори “Овози тоҷик”.**

# «ШУКР ГЎЯМ ЗИНДАГИРО БО ҲАМА НЕКУ БАДАШ...»

(Охираш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).

### Кори бад аз мардуми бад сазад

Рўзе яке аз ошноҳоям занг зада гуфт, ки дар бозори Сиёб беадолатӣ, хиёнат ба ҳаққи харидорон дар авҷ аст.

– Шумо, додарҷон, як маротиба бо устоди худ фелетони «Дар бозор – роҳи пулёбӣ бисёр»-ро навишта, пўстаки директори онро дурустакак афшонда будед, – фаҳмонд ў, – гап дар сари он, ки дирўз ду кило нок харидам, аммо дастам сабук будани меваро ҳис карда, дар дигар ҷой онро рўйи тарозу гузорам, ноинсоф 400 грамм задааст. Ба фикрам, мунофиқон санги тарозуро, ки рўяш «як кило» навишта шудааст, сўрох карда, ба ҳаққи харидорон хиёнат мекунанд.

Ман ба дўсти наздикам Комилҷон Ашўрзода занг зада, масъаларо фаҳмондам, илтимос кардам, ки ҳар се ба бозори Сиёб равем. Ў розӣ шуд. Моён мусаллаҳ бо қаламу дафтар ва дастгоҳи аксбардорӣ ба бозори Сиёб омадем. Комилҷон гуфт, ки дар шафати ҳудуди бозор пиразане, ки шавҳараш дар Ҷанги дуюми ҷаҳон шаҳид шудааст, истиқомат мекунад. Роҳбарони бозор ўро бо ҳар роҳ аз хонааш пеш карда, ҳавлиашро ба тасарруфи худ дароварда, мағоза сохтанӣ ҳастанд.

Мо назди кампир рафта, шикояташро ба диктафон навиштам ва вайронкориро аксбардорӣ карда, ба утоқи кории директори бозор омадем. Ба ў мушкили кампир ва фиреби савдогарҳои бозор ва тарафгирии паттафурўшонро як-як ошкор сохтем.

– Ба назарам шумо боз мақолаи танқидӣ навиштанӣ ҳастед, – роҳбари бозор бо чашмони бозигар сўйи ман ва ҳамроҳонам нигарист, – ин коратон нағз не.

Вай тугмачаи паси мизашро пахш карда буд, ки котиба омад. Директор ба гўши вай пичиррос зад. Дар як нафас нозири ҳуқуқу тартибот дар либоси низомӣ ва ду-се нафар шахсон ҳозир шуданд.

Директор онҳоро ба берун бароварда ким-чиҳо гуфт. Ва боз гашта омада, ба курсӣ нишаст ва тантанавор хабар дод, ки масъалаи мо ҳал мешавад, яъне савдогарҳои ҳанноту фиребгар ҷазо мегиранд ва ба ҳавлии пиразан ҳеч гуна осебе намерасад.

Директор ваъдаҳои болохонадор медоду ёварон наздаш омада пичирросзанон чизеро мефаҳмонданд. Мо «ҳақ ғалаба мекунад» гўён ба берун баромада, бо табъи болида сўйи истгоҳ мерафтем, ки як гурўҳ занҳо бо доду дашном замину осмонро ба сар бардошта, аз дунболамон омаданд. Дар назди дарвоза ду-се мошини зиреҳпўш ва ходимони милиса бо таёқҳои резинӣ саф кашида, аз моён чашм намеканданд.

– Комилҷон, тезтар дума хода кардан лозим, – пичиррос задам ман, – ҳозир ягон бало мехезад.

– Аз чӣ метарсед, – бепарво таскин дод вай, – мо чӣ кор кардем?!

Лаҳзае нагузашта занҳо моёнро ба муҳосира гирифтанд. Яке аз онҳо ангушти ишоратиро сўям бигизкунон бонг зад:

– Ана ҳамин гуфт, ки ҳозир митинг мекунем, шумоён иштирок карда, дар бораи қимат будани нархи наво гап мезанед.

– Ба ман ёд дод, ки норозигӣ эълон кардан лозим, – гуфт дигаре.

– Ман гувоҳ, – боз яке аз онҳо ба давра даромад, – ана ў сурат гирифт, – вай сўйи Комилҷон ишора намуд.

Ҳамин вақт ҳуштаккашон чанд нафар ходимони милиса омада, сўйи мошини зиреҳпўш ишора намуданд.

Мо чун асирони итоаткор, вале ҳайрон дар иҳотаи ходимони ҳуқуқу тартибот, ба мошин савор шудем. Милисае, ки ўро дар утоқи кории директори бозор дида будем, ба шўришгарон чизеро фаҳмонд ва онҳо бо қадамҳои қатъӣ аз паси мошин то идораи шуъбаи корҳои дохилӣ омаданд.

Мо – «маҳбусон»-ро аз дар дарун карданд ва ҳар се шунидем, ки нозири бозори Сиёб ба савдогарзанҳо супориш медод:

– Шумоён натарсида доду фарёдкунон занед онҳоро, – бо даст сўйи бинои корҳои дохилӣ ишора менамуд ў, – ман ҳамин ҷо. «Хирс мулло мешавад аз зарби чўб!»

Инчунин ў ба як гурўҳ низомиён фаҳмонд, ки тамошобини бефарқ шаванд.

Занону духтарони савдогар муҳорибаи шадидро оғоз намуданд. Ҷузвдони чарминамро чун сипар истифода бурдам, зеро муштu лагад мисли борон мерехт. Бечора он ду нафар, ки ҷисмонан камқувват буданд, ба фишори беисти нохалафон тоб наоварда рўйи фарши хона афтиданд.

Ҳамин вақт яке аз занҳо, ки бидуни муболиға мисли фил азимҷусса буд, назди ман омад ва намоишкорона чоки гиребонашро канда, бонг зад:

– Одамҳо, бинед, ана инаш ба ман таҷовуз мекунад! – зани бешарм ними тан урён як давр зада, ба ман дарафтод. Он лаҳза муши ба доми гурба афтодаро мемондам. Ҷанҷолу ханҷол чӣ қадар давом кард, дар хотирам нест. Аммо баъди кадоме: «Ҳой, занакҳо, яктааш мурд, дуюмаш нимҷон, кандем», гуфтан, аз болои Комилҷон ҷаҳида гузашта, ҳама як-як тарки хона карданд. Гапи нозири шинос ба гўшам расид: «Равед, қанд занед, бозор ба ихтиёри шумо. «Хас каму ҷаҳон пок!».

Гарчанд мадорам хушк, нафасгириам вазнин шуда буд, аз ходимони милиса талаб кардам, ки зуд «ёрии таъҷилӣ»-ро даъват намоянд. Дере нагузашта табибон омада, ба ду нафар ҷабрдида кумаки аввал расонда рафтанд. Нафасамонро рост накарда, муфаттишон «ташриф фармуда», моро аз элак гузаронда, ба шуъбаи нигаҳдории муваққатии корҳои дохилии шаҳр бурданд.

Ин «истироҳатгоҳ» барои ман қадрдон буд, ки қаблан низ «меҳмон» шуда, огоҳӣ доштам, ки дар ин ҷо хўроки бепул, ҷойи хоби ройгон аст ва низомиён шуморо шабу рўз посбонӣ мекунанд. Ана ба шумо иззату эҳтиром! Шояд ифтихор кунам, ки дертар ҳам бори дигар зиёрати ин маскани «қадрдон» насибам гашта буд.

### «Овоз» овозадорам кард

Он айём мудири шуъбаи фарҳанги рўзномаи «Овози Самарқанд» будам. Бо устод Акбар Усмонов пайваста очерку репортаж, фелетону мақолаҳои публитсистӣ менавиштем. Гоҳ-гоҳ навиштаҳоямон дар рўзномаи «Овози тоҷик» низ рўйи чопро медид. Муҳаррири рўзнома Шерпўлод Вакилов занг зада гуфт, ки теъдоди он хеле коҳиш ёфтааст ва кумак лозим. Ман ин мушкилро ба пири матбуот — Акбар Усмонов гуфтам. Он кас шўхиомез мақоли «агар ба шутур янтоқ лозим бошад, гарданашро дароз кунад»-ро ёдрас намуданд. Дар ҳақиқат, баъди ташрифи муҳаррир ба Самарқанд, масъала ҳалли худро ёфт.

– Аз ҳамин рўз теъдоди рўзнома ба 300 нусха афзуд гуфтан гиред, – ваъда доданд Акбарбобо. – Ману шумо то як пиёла чой нўшидан, масъала ҳал мешавад.

Сипас сўйи ман нигариста супориш доданд: Ҳозир ба фабрикаи «Оҳалик-Ломан-парранда» рафта, ба шартнома имзо ва муҳр гузошта меоед. Муҳлат – як соат.

Хушбахтона, директори корхона Фурқатака ва сармуҳосиб Абдувосеъ илтимосамонро ба замин намонданд. Муҳаррир мамнун, шартномаро гирифта пурсид: «Аз мо чӣ хидмат?»

– Ана ҳамин шогирд қаноти ман, – гуфтанд Акбар Усмонов, – агар ҳамчун мухбир дар вилояти Самарқанд ба кор гиред, мо ҳар ду барои пешрафти рўзнома – камарбаста!

Ҳарчанд аз ин воқеа бист сол сипарӣ гаштааст, камина ба ҳоли қудрат адои вазифа мекунам. Ва ифтихорам аз он аст, ки ҳар куҷо равам, бо сари баланд мегўям: «Ман аз «Овози тоҷик!».

### Ба ҷойи охирсухан

Рости гап, фаришта нестам, вале ба хотири ҳақиқат, ошкорбаёнӣ, бо «калон»-ҳо борҳо «даст ба гиребон» шудаам.

Дар тули умри сипаригардида лаҳзаҳои ширину талх бисёр буданд, ки ҳамаи онҳо дар як навишта намегунҷанд.

Барои маълумот бояд бигўем, ки падари панҷ нафар фарзанд — чор писару як духтар, бист набера ва ду абера ҳастам. Хўроки дўстдоштаам оши палав.

Меҳмон шавед!

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд,**
**узви Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон.**



Ҷашнвораи II эҷодиёти ҷавонон – «Вақти гули зардолу», ки ба қарибӣ дар деҳаи Ўқчии ноҳияи Ўзбекистони вилояти Фарғона баргузор шуд, ба сайри умумихалқӣ табдил ёфт.

Дар зери дарахтони зардолуи ғарқи гул ба маърази намоиш гузошта шудани бозию урфу одатҳои миллӣ ва ҳунарнамоии эҷодкорон ба баҳор шукўҳи тоза бахшид.

Бодбаракпарронӣ, зўрозмоии паҳлавонон ва осори мусаввирону ҳунармандон ба гирдиҳамомадагон таассуроти амиқ гузошт. Сайёҳони хориҷӣ ба суманак ва санбўсаҳои алафин ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир намуданд.

Дар маҳаллаи Қалъаи нави ноҳияи Рометан чорабиниҳо дар доираи ҷашнвора идома пайдо карданд. Барномаҳои ҷамоаҳои фолклорӣ, намоиши китобу мудҳои нав ба иштирокдорон як ҷаҳон завқ бахшид.

**Дар акс:** лавҳае аз ҷашнвора.
**Аксбардор: Муқимҷон ҚОДИРОВ (ЎзА).**

# ЗАРЕМА АЛИЕВА – МАЛИКАИ ҒИҶҶАКНАВОЗОНИ ҚРИМ

Дар нишасти навбатии Иттифоқи байналхалқии бастакорони «Турон»-и ҷумҳурӣ ба сафи он профессори кафедраи асбобҳои мусиқии Донишгоҳи муҳандисӣ-педагогии Қрим, соҳиби ҷоизаи давлатии Федератсияи Русия, зодаи шаҳри Самарқанд – Зарема Эбазеровна Алиева (Муслюмова) низ пазируфта шуд.

Воқеан, Ўзбекистон дар солҳои гуногун барои бисёр шахсон ватан гардид. Онҳо ҳар вақти бозгашт ба ин кишвари меҳмоннавоз арзи сипос мекунанд. Тоторҳои Қрим аз ин истисно нестанд, ки яке аз онҳо ғиҷҷакнавози машҳур Зарема Алиева мебошад.

Ў ҳамчун ҳунарманди соҳибистеъдод дастаи зебои ҳунарии ғиҷҷакнавозони «Селсебил»-ро созмон дод. Дастаи ҳунарӣ натанҳо дар Қрим, балки дар Олмон, Фаронса, Туркия, Руминия, қитъаи Амрико ва дигар кишварҳои ҷаҳон ҳунарнамоӣ кардааст.

Ҳамааш соли 2003 аз вохўрии тақдирсоз бо нахустин ректори Донишгоҳи муҳандисӣ-педагогии Қрим Февзӣ Яъқубова оғоз ёфт.

– Духтарам, Заремаҷон, ту соҳиби истеъдод ҳастӣ, – гуфт вай, – дастаи мунтахаби ғиҷҷакнавозонро таҳия намуданат лозим. Бовар дорам, ки шуҳратёр мегардӣ.

Башорати раҳматӣ Февзӣ-хонуми хирадманди дурандеш ва кумаку дастгирии ў самараи хуб дод. Албатта, таҳсил дар мактаби мусиқӣ, дертар омўзишгоҳи санъати тасвирии Самарқанд барабас нарафт. Зарема аз устоди меҳрбону ғамхор Рафаэл Геворков ва дигарон асрори ғиҷҷакнавозиро бо дилгармӣ омўхт. Барои сайқал ёфтани истеъдоди хеш пайваста меҳнат кард, ки натиҷаҳои хуб дода, дар озмунҳои «Иди санъат» ҷойҳои фахрӣ насибаш гашт. Аҷибаш он буд, ки вай дар 15-солагӣ дар дастаи ҳунарии театри драмавӣ – мусиқии Самарқанд ҳамчун ғиҷҷакнавози нахустин эътироф гардидааст.

Баъди соҳиби номаи камол шудан, бо пешниҳодҳои судманди устодон ва дуои хайри падару модари меҳрбонаш рахти сафар баст ва ба Душанбе омада, донишҷўйи Донишкадаи санъати мусиқии Тоҷикистон шуд. Бо ҳунармандон риштаи дўстӣ ва ҳамкорӣ баста, истеъдоди худро дар консертҳои оркестрӣ, баромадҳои телевизионӣ намоиш дода, бо дипломи сурх ба зодгоҳ – Самарқанд баргашт. Як муддат дар омўзишгоҳи санъати тасвирии шаҳри бостонӣ ҳамчун муаллими ғиҷҷакнавоз фаъолияти пурсамар бурд, ки ҳоло шогирдони бешумори ў дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Самарқанд меҳнат мекунанд.

Зарема Алиева баъди ба ватани бобоӣ – Қрим рафтан ба Донишгоҳи муҳандисӣ-педагогӣ ба кор қабул шуд, дар баробари омўзгорӣ, бо навиштани китобҳои дарсӣ машғул гашт. Боиси хушнудист, ки қариб 40 нафар шогирдони ў соҳиби ҷоизаҳои гуногуни байналхалқӣ шудаанд.

(Давомаш дар саҳ.4).

# МУАРРИФИИ КИТОБҲОИ МУФИД

**Иттиҳодияи журналистони Ўзбекистон дар Маркази матбуоти миллӣ тақдимоти китобҳои “Дафтари беварақ” ва “Дарёҳои бесоҳил”-и узви Иттиҳодияи журналистон, Журналисти хидматнишондодаи Ўзбекистон Маматқул Ҳазратқуловро баргузор намуд.**

Дар гирдиҳамоӣ журналистон, адибон, устод-профессорон ва донишҷўёни факултети журналистикаи муассисаҳои таълими олӣ ширкат ҷустанд.




Иҷрокунандаи вазифаи раиси Иттиҳодияи журналистон Холмурод Салимов доир ба ғамхориҳои сарвари кишварамон ба аҳли илму адаб, фарҳанг, адиби шинохтаву журналисти номвар – Маматқул Ҳазратқулов, мўҳтавои мухтасари китобҳои тозаэҷоди ў сухан ба миён овард.

Маматқул Ҳазратқулов соли 1947 дар деҳаи Мингбулоқи ноҳияи Ургути вилояти Самарқанд дида ба дунё кушода, баъд аз хатми факултети журналистикаи Донишгоҳи давлатии Тошканд дар ҳафтаномаи “Ўзбекистон адабиёти ва санъати”, девони Президент, ЎзА, ширкати “Ўзбеккино”, маҷаллаи “Гулистон” ифои вазифа намудааст.

М. Ҳазратқулов аз адибони пурмаҳсул ба ҳисоб меравад. Асарҳои ў “Мурғи сафед”, “Чўли ироқ”, “Интизор”, “Ҷуръат”, “Як пораи умр”, “Офтоб бо ман аст” рўйи чопро дидаанд. Чанд песаю новеллааш рўйи саҳнаро дидаанд. М. Ҳазратқулов чун тарҷумони моҳир асарҳои адибони тоҷик, рус, озар, тотор, ҷопон, гурҷиро ба забони ўзбекӣ баргардондааст.

Китоби “Дарёҳои бесоҳил”-и ў асари бадеӣ-публитсистӣ буда, чаҳор боброро дар бар мегирад. Дар боби “Дарёҳои адабиёт” ҳаёт ва эҷоди Миртемир, Асқад Мухтор, Одил Ёқубов, Абдулло Орипов, Барот Бойқобилов, Ўлмас Умарбеков ва дигарон мавриди тасвир қарор гирифтаанд.

Дар боби “Дарёҳои санъат” доир ба дарғаҳои санъат – Лутфихонум Саримсоқова, Олим Хўҷаев, Набӣ Раҳимов, Шукур Бурҳонов ва дигарон сухан меравад..

– Ба муаллиф ҳавас кардам, – мегўяд дар баромади худ профессор Нурбой Ҷабборов, – бо адибону санъаткорони машҳурамон ҳамсуҳбат шуда, дар бораи онҳо эссе навиштааст. Асар ба сифати манбаи маънавӣ солиёни зиёд ба насли оянда хидмат хоҳад кард.

Китоби “Дафтари беварақ”-и адиб ҳикояву лавҳаҳои ўро дар бар мегирад. Дар ин бора худи муаллиф гуфтааст: “Китоби мазкур аз воқеоте иборат аст, ки дар он бевосита худам иштирок кардаам ва он бе пардозу андози бадеӣ иншо шудааст”. Доктори фалсафа оид ба фанҳои сиёсӣ Лазиз Раҳматов ба асари мазкур пешгуфтор навишта, ба он “Дафтари ҳаёти инсони оличаноб” ном гузоштааст. Дар ҳақиқат воқеаҳои ҷолиби дар асар мавриди тасвир қароргирифта касро ба мутолиа водор месозанд. Асар аз воқеаҳои даври бачагии адиб оғоз ёфта, фаъолияти 60-соли ўро дар худ таҷассум намудааст.

Китобҳои ба оммаи васеи хонандагон пешбинишуда, махсусан ба донишандўзони соҳаи журналистика чун дарси ҳаёт ва мактаби маҳорат хидмат хоҳад кард.

**Гулчаҳон КАБИРОВА,**
**хабарнигори “Овози тоҷик”.**

# “БАҲОР”

Дар нигористон

**Академияи бадеӣ ва маъмурияти намоишгоҳҳои бадеии Ўзбекистон Наврўзро чун анъана бо руҳияти нав пешвоз гирифтанд.**

Дар толори намоишгоҳи марказии Академияи бадеӣ намоиши идонаи вернисажи баҳор ташкил карда шуд. Дар экспозитсия беш аз 200 асари ҳайкалтарошӣ, рангтасвир, графика ва санъати амалии эҷодкорон бо номҳои “Модар”, “Барф дар баҳор”, “Баҳор”, “Баҳори кўҳистон”, “Манзараи кўҳ”, “Дар домани кўҳ”,«Ҳавлии бачагӣ», “Бомдод”, “Баҳори Хумсон”, “Баҳор, тобистон, тирамоҳ, зимистон... ва боз баҳор”, “Боғишамол” ва ғайра ҷой доранд, ки нафосат ва зебоии онҳо тамошобинро ба табиат ва табиатдўстӣ даъват менамояд. Намоишгоҳ то 14 апрели соли ҷорӣ идома меёбад.

**Ҳ. АБДУНАЗАРОВ.**



# ҲАРЗА

(Ҳикоя)

Онҳо кўчарўбанд...

Ҳанўз зоғи ало минқор наолуда, аз хоб бедор мешаванд ва асбоби меҳнат дар даст зуд ба ҷойи кор меоянд. Назофати як ҷодаи калони шаҳрро дар зимма доранд... Яке ҷавон ва ҳанўз мўйи зебояш сафедӣ чист – бўйе набурдааст, дигаре андак солманд ва рўйи замоне чун дебо нафисаш дар иҳотаи ожангҳои гаҳу ногаҳ – тахмин дар пошнаи панҷоҳ қарор дорад. Онҳо дар бадали ду соли ҳамкорӣ хеле қарин шудаанд, ба як ҳисоб дугонаҳои ҷонианд. Дандони гапи яке ба дигаре мегўтад...

Шохҷорўби дароз дар дасти зани солманд беист такон мехўрад, рўйи ҷода якмаром рафтаву меояд ва хиш-хиш садо медиҳад, гўё хастае аст, ки аз мағзи шуш канда-канда нафас мегирад. Ва... аз ҳаракоти муназзами он аъҷуба домани ин кўчаи ҳоло чиркин ниҳоят сафо меёбад.

Яке аз он занҳо дар даст халтаи партовҳо дорад ва ҳарчӣ рўйи роҳ уфтода буд: селофан, зарфҳои пластикии обу шарбат, коғазҳои гуногун, барчаспи хел-хел маҳсулот, лифофаи пичинӣ ё шакалод, пасмондаи сигорро... чида, ба даҳони он меандозад. Аммо ҳарҷо, агар ба ностуфе дучор мегашт, бо кароҳат ҷабин чин мекард, гули рўяш пажмурда, ба рўйи он ранги сабзи бештар ба пасафканди мурғҳо монанд... нўги пойафзори нимдошташро мегузошт ва шакидаву низ аз дидаҳо пинҳон месохт. Ҳоло дар оғози рўзи нав барқсон фикре дар сараш пайдо шуда, шодон танаффус кард ва лаҳзае аз шуғл истода, ба ҳамкораш рў овард.

– Дугон.

– Ҳа, чӣ мегўӣ?

Зани солманд як ба ҷавонзан назар партофта, дубора гашти ҷорўбро пай гирифт, ки аз ҳаракоти дасти ў беист сар ба хоки ҷода месуд.

– Кош, аз шаҳри мо як умр қадами моҳи шарифи Рамазон дур намегашт.

Зани калонсол як лаҳза аз кор монд, шохҷорўбаш ҳам ногузир осуд. Ба дугонааш нигарист, қади на чандон баланди ўро ваҷаб ба ваҷаб чен кард. Маҳсули тафаккурашро ҳам ба тарозуи ақл гузошт, аммо чизе нафаҳмида, ба кадом маъние сар такон дод.

– Боз он мағзи палағдаат чӣ сафсата кор карда баровард? – пурсид дар истеҳзо ва як мушханде заду ба кори худ идома дод. “Аз сари ин бева гоҳ-гоҳ фикрҳое мепарад, ки... Садқаи номи покат шавам, Парвардигор! Аҷаб бандагоне дорӣ”, – фавран аз дил гузаронд ў, аммо гўшаш ҳамон ба посухи дугонааш...

– Рост мегўям-дия! – дар тақвияти андешаи худ ҷиддӣ садо баланд намуд ҷавонзан.

– Ку шунавем, рост мегўӣ, ё ..?

– Албатта, рост!

Зани ҷорўббадаст дубора аз кор бозистод. Панҷаи осудаи ҷорўбро ду қадам дур аз пеши пояш ва дастаи лайсу суфтаи онро ба китф такя гузошт, рўймоли калонро, ки қафотар ғеҷида буд, пештар, ба рўйи пешонии пурожангаш хобонд ва даст ба паси гардан бурда, ду нўги сарбандро оҳиста кашид. Дар ҳоле, ки ин посухи батаъкид кадом ҳисси ўро меангехт, акнун ду даст дар миён ба ҷониби ҳамкори худ теғ кашидаву бадбад нигарист. Зани ҷавон, ки то ин дам қиёфаи ҷиддӣ дошт, аз шамоили хандазои ҳамкори худ ба ваҷд омада:

– Фотимаҷон, – акнун ба номаш муроҷиат кард.

– Ҳа, ҷон! – сахт карда посух дод Фотима.

– Ҳамин истоданатон сарҳарфи номатонро мемонад, мурам. Ҳарфи “Ф”-и калон.

Фотима як ба чапу як ба росташ нигариста, аз зарофати дугонаи худ итоб аз рўй сутурд ва нохост пиқ-пиқ ба ханда даромад.

– Дар инояти Парвардигор мурам, номи апаат бисёр шариф аст. Фотима номи ҳазл не!

Онҳо як муддат хандида ва ниҳоят ғубори дил берун афканданд. Баъд зани солманд:

– Хайр, бева, чӣ гуфтан мехостӣ? Ба ҳарзаат давом деҳ! – гуфт бо андак итоб.

Бонуи ҷавонтар ба пешу бар нигарист ва бо нигоҳ ҷойи мувофиқе кофт ва ниҳоят ёфта, гўё бори дилаш зиёд шуда бошад, халтаро ғамгин дар як гўшаи роҳрав гузошт ва роиҷ ба болояш нишаст. Зарфҳои пластикии дохили халта ба нолиш даромаданд. Фотима ҳам шохҷорўби дастадарози худро ба замин хобонд ва оҳиста аз бари дугонаи худ ҷой гирифт. “Кори дунё намегурезад. Бигзор ба ҳамин баҳона як дамак истироҳат кунанд...”

– Мегўям, ки ҳамин моҳи шарифи Рамазон асло аз шаҳри мо наравад!

– Шунидам ин ҳарзаатро. Аммо чаро? Муддаоят чист?

– Намебинӣ, шаҳрамон чӣ хел озода. Мисли пештара чиркин нест. Аз шарофаташ заҳмати мо ҳам камтар...

Фотима дар ҷойи нишаст қомат ёзонд ва сар гардондаву ба ҳар тараф назар давонд.

(Давомаш дар саҳ.4).




Абдуллоҳи РАҲНАМО,
*Тоҷикистон*

## ЁДДОШТИ ТОШКАНД

Шаҳри гунбадҳои обӣ, Тошканд,
Дилрабову дилфиребу дилписанд.

Дар кафи саҳрои бе ҳадду канор,
Ҳамчунон мағруру сабзу сарбаланд.

Нусхаи навгаштаи Чочи куҳан,
Гавҳари Фарғонаву ҷуфти Хуҷанд.

Сарнавишти мо ба ҳам печидааст,
Зарра-зарра, ришта-ришта,
банд-банд.

Моҳтобат бар сари бурҷи Минор,
Дар қабои парниёнии паранд.

Рӯди Анҳор аз шикасту басти ту,
Роз дорад мавҷ-мавҷу чанд-чанд.

Боргоҳи Хоҷа Аҳрори Валӣ,
Хиттаи Оҳангарону ҷӯйи Занд.

Шаҳри Бадри Чочиву Шайхи Таҳур,
Ҳар қадам, ҳар ном ин ҷо арҷманд.

Ним Чилонзору нимаш Себзор,
Ним Боғистону нимаш Порканд.

Аз камоли файз дар Боғишамол,
Токи ангураш фаровардаст қанд.

Дар биҳишти Чорсӯ омехтаст,
Бӯйи уду анбару дуди сипанд.

Ҷойи нону об ин ҷо одамон,
Шири мурғу ҷони одам мехаранд.

Шаҳри фарҳангу китобу офтоб,
Хонаи осудаи ҳар шаҳрванд.

Шаҳр не, як саҳнаи созандагӣ,
Бурҷҳо бар осмон сар мекашанд.

Ҷовидонӣ бод эҳёи нават,
Шодмонӣ кун, ҷавонӣ кун, биханд.

Дӯстии мо бимонад пойдор,
Душманони дӯстӣ хору нажанд!

## ОБОД ШАВАД ҶАҲОНАМ...

Эй бохабар аз ғами ниҳонам,
Лутфе бикуну карам ба ҷонам.

Дар дидаи қалб чеҳра бинмо,
К-аз ёди ту сӯхт устухонам.

Аз ишқи ту дил тапад шабу рӯз,
Бар ёди ту меравад равонам.

Тӯмори балову чашмзахм аст
Номи ту ҳамеша бар забонам.

Дар ҳолати ваҷд вожаҳое
Ояд ба даҳон, ки худ надонам.

Гаҳ бо худу гоҳ бехуд астам,
Гаҳ барги тарам, гаҳе хазонам.

Гар зарраи лутф созӣ эҳдо,
Обод шавад ҳама ҷаҳонам.

## ЗИНДАГӢ

Мекашам бар дӯш бори зиндагӣ,
Чун ба дил дорам хумори зиндагӣ.

Мешавам ҷорӣ ба кӯйи орзу,
Ҳамчу рӯди беқарори зиндагӣ.

Аз хазони рӯзгорон дам мазан,
Дӯст медорам баҳори зиндагӣ.

Рӯй меорам ба борон ҳар сафар,
То барад аз дил ғубори зиндагӣ.

Ғофилӣ то чанд, ногаҳ бигзарад
Рӯзҳои бешумори зиндагӣ.

Қалбро байтулмуҳаббат мекунам,
Ишқ бошад иқтидори зиндагӣ.

**Далершоҳ НЕЪМАТОВ,**
**ш. Тошканд.**

# ҲАРЗА

**(Ҳикоя)**

*(Аввалаш дар саҳ.3).*

– Лекин рост.., – гуфт ниҳоят ба мушоҳидаи дугонааш сидқан қоил шуда.

– Хидмати моро касе қадр намекунад, дугон. Азоби моро саҳл мегиранд, – нармакак ба зонуи Фотима зад.

– Ин қадар боақл будаӣ, дар ягон мактаби номаш баланд хон буд. Чаро нахондӣ?

– Эҳ, шумо бехабар. Ин хоҳари пешонашӯратон одами хондагӣ, апаҷон. Ҳатто дипломдор... Аммо ку ҳамон кори сабил?

Фотима аз камзӯли зардинаи худ чанд гардро дур андохта, тамоми идораҳоеро, ки медонист, хаёлан пеши назар овард ва барои дугонаи худ ҷойи коре пайдо накарда, боз ба сари гуфтаҳои ӯ омад. Ин дам ба зеҳнаш як фикри дигар даромада, зуд бапо шуд. Ин андеша гӯё як пора яхе буд, ки аз ҷигари кадомин як қуллаи баланди кӯҳи лазарпӯш ҷудо шуда, ногоҳ дар ҷони ӯ ҷой гирифт. – Ҳей, бева! – бо пой заминро нарм кӯфт Фотима.

– Ман бева не, шукр, давлати сар дорам, апаҷон. Як рӯз ҳатман аз Русия бармегардад. Бо сари баланд...

– Забони ин апаатро нахорон!

– Хайр, чӣ гуфтам ман? – ноаён гиребон ҷуфт кард ҷавонзан.

– Ҳоло, ки шавҳарат нест, пас беваӣ ту!

– Номи ман Малоҳат...

– Агар Малоҳат бошӣ, гапи маро шунаву дар ду гӯшат маҳкам дор!

– Чӣ, гапам нодуруст буд?

– Дуруст буд – нодуруст буд, хуллас, фикри сиҳат нест! Ҳамон ҳарзаатро боз дар пеши раҳбарон нагӯӣ. Мекушамат.., – теғи нигоҳ ба ӯ бурд.

– Кадомашро? Дар бораи моҳи шарифи Рамазон?

– Бале!

– Хайр... – дурусттар дар болои халтаи партов нишаста, даст ба пешонӣ соябон сохта, ба дугонааш мутаваҷҷеҳ шуд Малоҳат.

– Бигзор, шаҳрамон чиркин бошад, ман розӣ!

– Эъе, чаро? – таҳайюр кард ӯ.

– Ба ману ту кор зиёд мешавад. Фаҳмидӣ, бева?

– Ҳаа-а, – абрӯ боло кашид Малоҳат.

– Агар ҳама ҷо тозаву озода шуда, кори мо осон гардад, медонӣ, чӣ рӯй медиҳад?

– Ҷанги сеюми ҷаҳон рӯй намедодагист?

– Худо нигаҳбон, бева. Нафасат ин қадар хунук набошад...

– Хайр, чӣ мешавад? Ба фикрам, ягон бадӣ надорад.

– Дард мешавад, бало мешавад, беваи ҳафтафаҳм! Боз шон аз хайли хондагиҳо!

– Ку шунавем, фикри нестдарҷаҳонатонро.

Фотима ба ҷониби Малоҳат оҳиста сар хамонда, якрост гуфт:

– Аз ду нафари мо якеро интихоб мекунанд ва ба дигаре дари кӯчаи калонро нишон медиҳанд! Фаҳмо?

– Вой ман мурам... Акнун фаҳмидам. Чӣ хел мантиқшинос шумо. Қоил. Мани дипломдор ба мағзи ҳамин гапу кор нарафтаам.

– Боз... ҷавонтарӣ ту! Туро ҳатман "мон" мегӯяд ва ба ман... – Нарангушт аз миёни ду ангушти дигар гузаронда, ба Малоҳат нишон медиҳад... мегӯянд. Ин аниқ! Маро аҷаб нест, ки аз кор биронанд. Боз ин апаи бадбахтат аз куҷо кор меёбад? – оҳ кашида ба дигар самт нигарист Фотима.

– Лекин суханатон ҷон дорад.., – дар таассуф лаб газид Малоҳат.

– Бори дигар ин г...ро ба даҳон нагир! Вагарна.., – сар такон дод ӯ.

Малоҳат аз ҷой хеставу дар даст халтаи партов андешаманд канортар рафт. Ин дам як мошин бо суръат гузашта, аз тирезаи нимакушодаи он як зарфи пластикӣ парид ва ғелидаву ба ҷӯйи беоби қади роҳ афтод.

– Э, хар! Бетамиз! – аз қафои мошин мушти таҳдид бардошт Малоҳат ва боз чанд носазои дигар дар забон ба самти он зарфи раҳошуда рафт.

Фотима оҳиста ҷорӯбро ба даст гирифт ва аз пешомади ҳанӯз норӯшан ва эҳтимолие андешид. Шавқи рӯфтан дар дили ӯ кӯр шуда буд, аммо ночор ба ҷорӯб кашидан оғоз кард.

Садои хиш-хиши шохҷорӯб дубора баланд шуд. Ҷодаи начандон чиркин аз доманаш сар карда, оҳиста сафо меёфт...

**Шариф ХАЛИЛ,**
**узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон.**

# ЗАРЕМА АЛИЕВА – МАЛИКАИ ҒИЧҶАКНАВОЗОНИ ҚРИМ

(Аввалаш дар саҳ.3).

– Камина ба Зарема Эбазеровна даъвои шогирдӣ дорам, – иброз дошт устоди мактаби ба санъат ихтисосонидашудаи Самарқанд Элвира Емелянова, – мо, дастпарварони ӯ ҳамеша устодро ёд мекунем. Хабари хуши ба узвияти Иттифоқи байналхалқии бастакорони «Турон» пазируфта шудани ӯро шунида, табъамон болида гашт.Имрӯзҳо дар Қрим ягон тадбири фарҳангӣ бидуни иштироки дастаи ҳунарии «Селсебил» ва ғичҷакнавоз Зарема Алиева намегузарад.

Вақте аз ӯ пурсидем, ки шумо дар ҷодаи санъат киро устоди худ медонед, гуфт, ки муаллимонамро! Зеро онҳо ба ҳаёти мустақил роҳхат додаанд, чӣ будани олами мусиқиро фаҳмонда, аз асрори он огоҳ сохтанд. Аммо дар омади гап ба шумо гӯям, ки бо «ҳалво» гуфтан даҳон ширин намешавад. Дар замири ҳар як кор меҳнат, омӯзиш ва муҳаббат ба касб нуҳуфтааст.

Масалан, ман ҳаёти худро бидуни ғичҷак, садои дилнишину гуворо, ҳаловатбахшу риққатбори он тасаввур карда наметавонам Бесабаб ғичҷакро шаҳаншоҳи оркестр намегӯянд. Вақте кас садои онро мешунавад, беихтиёр ба олами афсонавӣ сафар мекунад. Солҳои таҳсил дар Тоҷикистон байтҳои дилнишину гуворои шоири бузурги форс-тоҷик Мавлоно Ҷалолуддини Балхии Румӣ ба гӯш мерасид, ки ин аст:

*Гар набудӣ нолаи найро самар,*
*Най ҷаҳонро пур накардӣ аз шакар.*
Ё:
*Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад,*
*Аз ҷудоиҳо шикоят мекунад...*

**– Зарема Эбазеровна, кай самарқандиҳо**



**аз «нола»-ҳои асбоби мусиқии «Селсебил» ғизои маънавӣ мегиранд?**

– Шахсан ман аз мардуми меҳрубону меҳмоннавози Самарқанд як умр қарздор ҳастам. Шояд сафари эҷодӣ тобистони соли равон ба шаҳри ҷавониам даст диҳад.

**– Самарқанд пешкаши шумо!**

– Як олам ташаккур!

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# ТАВАККУЛ БА ХУДО

Мегӯянд, ки рӯзе шогирдони Хоҷа Алии Бухороӣ аз ӯ пурсиданд:

– Эй Хоҷа, таваккул ба Худо чист ва чӣ гуна онро дар амал татбиқ кунем?

Хоҷа Алӣ барои фаҳмонидани ин мафҳум як кори амалиро пешниҳод кард. Ӯ як дона тухм гирифт ва ба шогирдон гуфт:

– Ин тухмро гиред ва онро то замони кафидан нигоҳубин кунед.

Шогирдон тухмро гирифтанд, вале баъзеи онҳо онро дар ҷое гузошта, фаромӯш карданд. Дигарон онро зиёд гарм карданд ва тухм вайрон шуд. Танҳо як шогирд, ки ҳамеша онро бо меҳрубонӣ нигоҳубин мекард ва таваккул ба Худо мекард, тавонист тухмро ба мурғобичаи зебое табдил диҳад.

Хоҷа Алӣ ба шогирдони худ гуфт:

– Таваккул ба Худо маънои онро надорад, ки шумо беҳаракат шавед ва интизори кумак бошед. Балки шумо бояд саъю кӯшиш кунед ва ҳамзамон ба қудрат ва раҳмати Худо эътимод дошта бошед.

Ин ривоят таълим медиҳад, ки таваккул ба Худо бо кору кӯшиши инсонӣ ҳамроҳ мешавад. Худо танҳо ба онҳое мадад мерасонад, ки кӯшиш мекунанд ва масъулияти худро бо ихлос анҷом медиҳанд.

**Таҳияи А. КОМРОН.**

# НИГОҲЕ ГУЗАРО БА НАҚДҲОИ ШОИРИ МАҲБУБ ФАРЗОНАИ ХУҶАНДӢ

**(Дар китоби "Дарёи сӯзон" (маҷмӯаи мақолаҳо). Душанбе, 2014)**

Матои шоир сухан аст, ӯ аз он ҳар чӣ месозад ва ногузир пас аз сохтан бар он ҳам бояд биандешад. Донишманди адабиёти форсӣ Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ ҷараёни батадриҷ ба вуҷуд омадани шеърро нахуст аз мушоҳидаву эҳсоси ҳар чиз, баъдан дар зеҳн нигаҳдорӣ шудани он, сипас ба хаёли зебо даромадани ҳар чӣ аз дидаҳову шунидаҳо ва дигар таҷрибаҳои шоирон медонад. Пас, эҳсос аз омилҳои нахустини ба вуҷуд омадани сувари хаёл ва ё тасвири бадеӣ ба ҳисоб меравад. Баъдан, ки эҳсос кори худро тамом кард, ниёз ба кори ақл пайдо мешавад, ҳарчанд ин ҷараён сирф ба дасти эҳсос сурат намегирад. Ризо Бароҳанӣ ҳам гуфтааст, ки "шоир аввал меофарад, сипас ба он чи офарид, ба андеша менишинад". Ва андешаву хирад пухтагару суфтагари сухан аст. Ва маъмулан кори нақди адабиётро ба дӯши мунаққидон гузоштаанд ва арзишдовариҳои асари бадеиро ба шоирон, ки гӯиё аҳли дил ҳастанд, бовар накардаанд.

Аммо шоир ва донишманди бузурги адабиёти форсӣ Маликушшуаро Баҳор шеърро маҳсули ақл донистааст, аз назари ӯ шеър дониставу санҷида офарида мешавад. Шоир марвориди шеърро аз дарёи ақли хеш берун меоварад. Ва суфтагарии ин марворид монанди кори дасти як афсунгар аст, ки бешак як афсунгари воқеӣ ҳам бояд ба илму дониш муҷаҳҳаз бошад:

*Шеър донӣ чист? Марвориде аз дарёи ақл,*
*Шоир он афсунгаре, к-ин турфа марворид суфт.*

Зимнан шоир дар баҳси "назм" ва "шеър" ақидаҳои интиқодии худро баён мекунад. Пас, бо такя ба қувваи ақлу мантиқ ва таҷрибаҳои эҷодӣ шоир ҳам қодир аст дар бобати шеъри худаш ва ё осори дигарон андешаҳои интиқодияшро баён кунад.

Яке аз шоирони муосири Эрон Ядуллоҳи Рӯъёӣ ҳам дар китоби "Аз сукӯи сурх"дар бораи яке аз навъҳои шеъри нави маъруф ба "шеъри ҳаҷм" сухан гуфта, зимнан изҳор менамояд, ки аксари шоирон шеър мегӯянд, аммо нақди онро ба зиммаи мунаққидон вомегузоранд, ҳол он ки ҳар як шоир бояд дар навбати худ мунаққид ҳам бошад, то хубу бади шеърро бишиносад ва муаррифӣ намояд. Пас, шоири имрӯз бояд ҳусну қубҳи сухани худро бишиносад. Ба ин мазмун, имрӯз дар адабиётшиносии форсӣ донишмандоне бар сари кор ҳастанд, ки ҳам шоиранд, ҳам мунаққид. Китобҳои "Тилло дар мис", "Сувари хаёл дар шеъри форсӣ", "Мусиқии шеър" муаллифони худро ҳамчун олимони шеършинос муаррифӣ намудаанд ва шеъри муосири форсӣ Ризо Бароҳанӣ ва Шафеии Кадканиро ҳамчун гӯяндагони шеъри хуби муосир қаламдод кардааст. Ва ин ҷадвалро метавон аз ҳисоби шоирону шеършиносон пур кард.

Дар адабиёти тоҷик устодон Аскар Ҳаким, Доро Наҷот, Нуралӣ Нурзод, Рустам Ваҳҳобзода, шодравон Мирзо Шукурзода ва чанд нафари дигарро ҳам дар силки адабиётшиносон ва ҳамчун шоирони номии муосир метавон ном бурд. Чи хуш гуфта устод Аскар Ҳаким дар ҳаққи худ, ки "дар байни мунаққидон беҳтарин шоир, дар байни шоирон беҳтарин мунаққид" аст! Ин донишмандон, дар баробари маҷмӯаҳои хуби ашъор, осори арзишманди илмию адабӣ ва интиқодӣ ҳам дар мавзӯи шеъри классик ва муосир ба вуҷуд овардаанд.

Ба табъ расидани китоби ёддошту мақолаҳои илмию адабии шоираи номӣ Фарзонаи Хуҷандӣ номи ин бонуи бештар ба шеър маъруфро дар паҳлӯи дигар мунаққидони шоиру шоирони мунаққид гузошт. Маҷмӯаи мақолаҳои "Дарёи сӯзон" бо баёни ёддошт аз шоирони бузурге чун Лоиқ Шералӣ, Озод Аминзода, Муъмин Қаноат, чандин устодони адабиётшиноси маъруф, хотироти сафарҳо ва дидори ёрони ҳамзабон дар хориҷ ва бо баррасии баъзе аз масоили шеъру шоирӣ, арзиши баланди адабию бадеӣ, илмию таҳқиқӣ доранд. Ёддоштҳо, сафарномаҳо, ҳатто масоили илмию адабӣ бо забоне дилнишин баён гаштаанд. Зимни баёни матолиби илмию адабӣ ҳам таровати забони шоирона хушкии баёни илмиро аз байн мебарад. Ёддоштгуфтаҳо бо дарси таммулу андешаҳои шоир аҳамияти ахлоқию тарбиявӣ пайдо менамоянд ва ё ба гунаи дигар, тарбияти эстетикӣ мебахшанд, завқ ато мекунанд, чунончи дар мақолаи "Падруди Офтоб": "Баъди яке аз сафарҳояш ба Эрон устод Лоиқ гуфт: Рӯзе дар манзили донишманди эронӣ Алии Кофӣ маҳфили шеър доштем, ки Симини Беҳбаҳонӣ омад. Зани солхӯрдае буд қариб ҳафтодсола, бо чеҳраи шикаставу маҳзун як ғазал хонд–панҷоҳсола шуд, дигар ғазал хонд – сиюпанҷсола шуд ва сеюмашро хонд, ҳаждаҳсола гардид ва мо ҳама маҳву шефтаи ӯ мондем. Нерӯи рӯҳонии ин хонум чунон дар саропояш партав зада буд, ки ҳама дар иҳотаи ин зебоӣ гирифтор омаданд".

Дар мақолае, ки "Шеъри хокӣ, шеъри обӣ, шеърҳои офтобӣ" унвон дорад, дар бораи интишор ёфтани чакомаи чанд нафар шоири тоҷикистонӣ дар Эрон, ширкати худи шоир дар бузургдошти 550-солагии Фузулӣ; дидор бо Шафеии Кадканӣ ва эътибору эҳтироми ӯ ба шеъри тоҷик; муносибат ба андешаҳои Муҳаммад Ҳуқуқӣ дар бораи шеъри Фурӯғ ва арзиши баланди шеъри устод Лоиқ ҳам сухан меравад. Чунончи, дар бораи таҳқиқоти Шафеии Кадканӣ дар шеъри тоҷик ва суҳбаташ бо ӯ гуфтааст: "Ӯ марҳалаҳои рушди шеъри тоҷикро дар садаи бист муайян карда ва бештар аз марҳалаи севуми ҳаракати шеър, ки бо ашъори Муъмин Қаноат ва Лоиқ Шералӣ оғоз шуд, ҳарф зад ва аз дарёфтҳои ҳунарии шуарои тоҷик изҳори мамнуният намуд". Дар зимн шоира эҳтирому муҳаббати баланди худро ба шеъри Фурӯғи Фаррухзод, ин ситораи ҳамеша дурахшони шеъри форсӣ изҳор намудааст.

Дар ин даста аз ёддошту мақолаҳояш Фарзонаи Хуҷандӣ аз вижагиҳои хоси шеъри муосири тоҷик, ки барои хонандагони эронӣ ҳанӯз номакшуфу ноошно аст, ҳарф мезанад. Аз назари ӯ, бо вуҷуди он ки имрӯзҳо дар Эрон китобҳои шеъри шоирони тоҷик ба табъ мерасанд, ҳанӯз ҳамзабонони эронӣ ба моҳияти ҷустуҷӯҳо ва дарёфтҳои эҷодии онҳо сарфаҳм нарафтаанд, ҳанӯз нақди шеъри тоҷикӣ дар Эрон инкишоф наёфтааст.

Чандин навиштаҳои ин шоир, ки аз ёдномаҳои гарми устодӣ ва дӯстии шоири фарзонаи миллат Лоиқ Шералӣ ва вижагиҳои шеъри мондагори ӯ фароҳам омадаанд, дар боби шинохти чеҳраи фардӣ ва шоиронаи устод Лоиқ, арзиш ва аҳамияти ашъори ӯ хеле муфиданд. Хотироти шоир аз вохӯриҳои нахустинаш ӯ бо устоди зиндаёд Лоиқ ёдномае аз даврони тоза ба роҳи эҷодӣ по ниҳодан, чӣ гуна раҳ ба раҳ ба зинаҳои камоли маънавӣ расидани ӯ ҳам сухан мегӯяд. Шоир хонандаро бо чашми шоирона ба дунёи зебои ҷавонӣ, ба рӯзгори устодию шогирдияш бо шахсияти барҷастаи рӯзгори мо – Лоиқ, мебарад, аз таҷрибаҳои нахустинаш дар гуфтани шеър ва сахтгириҳои устодаш нақл мекунад.

Дар баробари омӯзиш аз бузургони шеър таваҷҷуҳ ба таҷриба ва офаридаҳои устод Лоиқ барои Фарзонаи Хуҷандӣ мактаби адабӣ будаанд, чунончи шоир дар бораи таъсири маҷмӯаи навбатии устодаш менависад: "Аммо «Марди роҳ» барои ман роҳи нуронии ношинохта, роҳи рафтан ба аслҳо ва дарёфти ҳақиқатҳо, роҳи сафеди муъҷизаҳоро, ки номаш Шеър аст, боз кард". Ӯ мукаррар аз бузургиҳои Лоиқ сухан мегӯяд, чунончи дар бораи сабақҳои аз Лоиқ омӯхтааш дар диди тоза доштан, мазмунофарӣ, риояти вазни арӯз, гузашт аз анбориш (калимоти нодаркори вазнпуркунанда). Ҳангоми сухан гуфтан дар бораи масоили илмӣ, шахсияти адабии шоир, моҳияти хидматҳои ӯ ба ҷамъият, ба Ватан, ба адабиёти миллӣ чеҳраи Фарзона олимона аст. Ба қавли Фарзона, Лоиқ Шералӣ, ки "аз беҳтарин бозёбҳои шеъри муосири Эрон низ ба комилӣ огаҳӣ дошт", бе ҳеч муҳобот дар пояи ҳунар бо шоирони бузурге чун Фурӯғи Фаррухзод, Ахавони Солис, Сӯҳроби Сипеҳрӣ ва дигар нобиғагони шеъри муосир қарор дорад.

Фарзонаи Хуҷандӣ шоир ва муҳаққиқи нуктасанҷ ва дақиқназар аст. Ҳақшиносии шоир дар назди устод Лоиқ, ки аслан устоди шогирдони зиёде ҳам ҳаст, ӯро водор намудааст, ки ба омӯзиши осори устод ба чашми таҳқиқ бингарад. Дар бораи заминаҳои бунёдӣ ва омилҳои ташаккул ёфтани маҳорати эҷодӣ ва вусъатёбии ҷаҳонбинии шоиронаи устод Лоиқ Шералӣ чунин мегӯяд: "Устод Лоиқ ба шеъри тоҷик бисёр муҷаҳҳаз омад ва тӯшааш раҳ ба раҳ боз ҳам пурбортар шуд. Пуштвонаи қавии ӯ кутуби муқаддас ва аввалтар аз ҳама Каломи Шариф, адабиёти классикӣ, хосса, ашъори ирфонӣ ва фарҳангу луғоти пешин буд. Устод аз осори дигар бузургони ҷаҳон низ фаровон баҳра бурда буд ва дар авоили ҷавонӣ ашъори Есенин, Гёте, Гейне, Уитменро тарҷума карда буд. Дигар чароғи ҳидояте, ки устод дошт, эҷоди шифоҳии мардум буд".

Аз назари муҳаққиқ Лоиқ Шералӣ аз ҷумлаи шоиронест, ки дар маъниву муҳтаво, дар забону вожабандӣ, дар шакл ва жанр таҷрибаҳои бесобиқаро комгорона озмуда ва ҳам дар қолабҳои мухталиф чун дубайтиву рубоӣ, қитъаву ғазал, чаҳорпораву шеъри сафед ба "сабки рӯшан"-и худаш шеър гуфтааст. Ӯ таҳаввулотро дар ғазалҳои устод на дар радифу қофиябандӣ ва ё дигар унсурҳои зоҳирии шеър, балки "дар нигоҳи тозаи шоир ба ашё ва вожаҳо", "дар фазои бози фикрӣ" мебинад, ки дар ғазали форсӣ-тоҷикӣ пеш аз ин ҷой надоштаанд. Як ҷиҳати бузургии Лоиқ Шералӣ "сабақи ӯ аз мактаби инсонӣ ва шоирии устод Турсунзода аст", ки ба ин заминаҳои созанда ҳам ишорат гардидааст.

**Ҷумъа ҲАМРОҲ,**
**профессори ДДС.**
**Дилшоди ФАРҲОДЗОД,**
**дотсенти ДДС.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-328.
Адади нашр 3710. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
А. Субҳонов.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 21.30

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.